№ 1052/8.1 аз 16.04.2009

«Оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009 таҳти № 505»

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 марти соли 2009 таҳти № 505 Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳбарӣ дар фаъолият ва истифода дар рафти корҳои назоратӣ дастурҳои зеринро ирсол менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 1 Қонуни зикршуда, дар давраи аз 30 июли соли 2008 то 29 июли соли 2010 санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур, манъ карда шудааст.

Тибқи қисми 1 моддаи $7^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии зерин мансуб мебошанд:

- дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи иштироки давлат на зиёдтар аз 25 фоизро ташкил диҳад;
- андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз, бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана, аз ҳадди секаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (600,0 ҳазор сомонӣ) зиёд набошад;
- шумораи миёнаи кормандони онҳо дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафарро дарбар гирад.

Новобаста аз муқаррароти сархати болоӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғул мебошанд, ба субъектҳои соҳибкории хурд дохил карда намешаванд:

- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;
- таҳвили алюминийи аввалия;
- фаъолият дар соҳаи истифодабарии қаъри замин;
- фаъолияти бонкӣ (ё барои машғул шудан ба намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ) ва суғуртавӣ;
- фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои инвеститсионӣ;
- фаъолияти касбӣ дар бозори қоғазҳои қимматнок.

Дар ҳолати ҷавобгӯ набудан ба яке аз меъёрҳои пешбининамудаи моддаи мазкур имтиёзҳои барои субъектҳои соҳибкории хурд муайянкардаи қонунгузорӣ нисбат ба чунин субъектҳои соҳибкории хурд татбиқ карда намешаванд.

Тибқи қисми 1 моддаи $7^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба субъектҳои соҳибкории миёна соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии зерин мансубанд:

- андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз, бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана, на кам аз ҳадди секаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (600,0 ҳазор сомонӣ) ва на зиёда аз 15 миллион сомонӣ бошад;

- шумораи миёнаи кормандони онҳо дар давраи соли тақвимӣ аз 30 то 100 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз 50 то 200 нафарро ташкил диҳад.

Тибқи муқаррароти моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои муайян намудани мутобиқати соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар асоси аризаи субъектҳои соҳибкорӣ ё шахси ваколатдори онҳо мақомоти андоз, мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар маҳалли бақайдгирии баҳисобгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна вазифадоранд, ки ба онҳо оид ба андозаи даромади умумӣ ва шумораи миёнаи кормандони кироя дар аввали соли тақвимӣ дар давоми ду рӯзи корӣ ба babри ройгон (дар ҳолати пешниҳод гаштани эъломияҳо ва ҳисоботҳои дахлдор) маълумотнома пешниҳод намоянд (шакли маълумотнома замима карда мешавад).

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки Дафтари бақайдгирии маълумотномаҳо оиди мутобиқати соҳибкорони инфиродӣ ва шасхони ҳуқуқӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёнаро кушода, вобаста ба қайди чунин субъектҳо ҳар нимсола ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дахлдор пешниҳод намоянд.

Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда намешаванд:

- санҷишҳои андоз тибқи нақшаи тасдиқшуда нисбати ташкилоту муассисаҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нестанд;

- санҷиш дар асоси аризаи хаттии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ – истеъмолкунандагони моли (кории, хизматрасонии) субъектҳои соҳибкории хурду миёна оид ба вайрон кардани ҳуқуқҳои онҳо доир ба масъалаи андозбандӣ, ки ба мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳод гардидааст, дар доираи ҳамин баҳс;

- санҷиш дар асоси аризаи худи андозсупоранда, аз ҷумла дар ҳолати баромадан аз қайди андоз аз арзиши иловашуда, қатъ гардидани фаъолияти он ё ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ё барҳам додан, дар асоси ахбори мақоме, ки бақайдгирӣ, азнавташкилёбӣ ё барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ва фаъолияти соҳибкории инфиродиро амалӣ менамояд;

- санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз, аз ҷумла санҷиши ғайринавбатӣ тибқи қисми 6 моддаи 48 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси мурочиати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо вобаста ба андозсупорандагоне, ки нисбати онҳо тасдиқи хаттӣ доир ба оғози парвандаи ҷиноятии марбут ба андозбандӣ ҷой дошта бошад.

Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 марти соли 2009 таҳти № 505 нисбат ба санҷиши субъектҳои соҳибкории калон – шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ татбиқ намегардад.

Субъектҳои соҳибкории калон, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие эътироф карда мешаванд, ки тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи $7^2$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз, бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯши чакана, аз 15 миллион сомонӣ зиёд бошад ва ё шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ аз 100 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз 200 нафар зиёд бошад.

Санҷиши фаъолияти чунин субъектҳо мутобиқи сархати 2 қисми 2 моддаи 49 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон на зиёда аз як маротиба дар як сол гузаронида мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 марти соли 2009 таҳти № 505 дар давраи амали мораторий мақомоти ваколатдори санҷиш метавонанд санҷишҳоеро, ки мӯҳлаташон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро расидааст, ба азназаргузарониҳои профилактикӣ иваз намуда, онро танҳо бо мақсадҳои зерин гузаронанд:

- пешгирии риоя нагардидани муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони молҳои зераксизӣ, таҳвилгарони нахи пахта, истифодабарандагони қаъри замин, андозсупорандагоне, ки ба фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ, идоракунии фондҳои сармоягузорӣ ва дар бозори коғазҳои қиматнок бо фаъолияти касбӣ машғул мебошанд.

Дар асоси азназаргузаронии профилактикӣ шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори санҷиш ҳуқуқ доранд тавсияномаи дахлдор тартиб дода, нусхаи онро ба субъекти соҳибкории хурду миёна барои бартараф намудани камбудиҳо пешниҳод намоянд.

Азназаргузарониҳои профилактикӣ дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешаванд.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 марти соли 2009 таҳти № 505 бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Раис** **Н. Давлатов**